## ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзӯи “Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Вобаста ба навсозиҳо дар ҳаёти фарҳангиву ахлоқӣ ва иқтисодии ҷомеаи муосир дар баробари имконоти нави тарбияи насли наврас муаммоҳои нав низ ба вуҷуд меоянд. Яке аз масъалаҳои калидӣ матлаб дар бораи рушди ҳамоҳангсозии муносибатҳои педагог ва хонандагон дар доираи раванди таълим мебошад.

Дар раванди ҳамоҳангсозии муносибатҳои педагог ва хонандагон амалиёти мутақобил ба вуҷуд меояд, ки ба рушди сифатҳои ахлоқию этикӣ ва маънавии шахсият таъсири бевосита мерасонанд. Ин дар рушди минбаъдаи шахсиятӣ ва омодагии онҳо ба ҳалли муаммоҳои педагогӣ, ахлоқию фалсафӣ ва ғайра ифода меёбад.

Ба муҳимият ва зарурияти муаммои мазкур аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори махсус дода шуда, қабул шудани як зумра санадҳои муҳими давлатӣ, аз ҷумла “Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030” далели равшан ва возеҳи он аст.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Муаллиф дар рисола дуруст қайд менамояд, ки ҳамоҳангсозии муносибатҳои иҷтимоии педагог ва хонандагон ҳамчун раванди таъсироти мутақобили шахсиятӣ, ки манфиатҳои онҳоро муттаҳид месозад, ба эътимоди тарафайн, самимият ва софдилии ҳар як нафари онҳо асос меёбад. Зимнан барои худифодакунӣ ва худсобитсозии

шахсият замина фароҳам меояд, ки муоширати солими маънавиро ташаккул дода, барои рушди низоми арзишҳои ахлоқӣ таҳкурсӣ пайдо мешавад. Дар раванди ҳамоҳангсозии муносибатҳои педагог ва хонанда, бачагон ва наврасон ба калонсолон, ба суханон ва арзишҳои шахсият эътимод доранд, калонсолон барои ба нерӯи худ бовар кардани онҳо, дарёфти ҳусни тафоҳум бо воқеияти атроф, яъне ба даст овардани мабдаи заминасози маънавияти инсон ёрӣ расонида метавонанд. Педагог ба ҳар як кӯдак дар ҳалли муаммоҳои зиндагиаш, ҳангоми интихоби мураккаб мусоидат менамояд, роҳҳои имконпазири тамоюлҳои арзиширо нишон дода, ӯро ба роҳи бойшавии маънавию ахлоқӣ ҳидоят мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Дар муқаддимаи диссертатсия аз тарафи муаллиф оид ба мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсад, объект, предмет, фарзия ва усулҳои таҳқиқот, марҳилаҳои он, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишӣ, мӯътамадии натиҷаҳои диссертатсия, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот баррасӣ шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия, ки «Асосҳои методологӣ ва назариявии мутаносибгардонии муносибатҳои байни педагог ва хонандагон» номгузорӣ шудааст, масъалаҳои муносибатҳои педагог ва хонанда ҳамчун раванди педагогии мутаносибшаванда; шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда; меъёрҳо ва маҷмӯи методикаҳои омӯзиш ва баҳодиҳии натиҷаҳои мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон баррасӣ гардидаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия “Технологияи педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон»

масъалаҳои худташхис ва худтаҳлилкунии вазъи мутаносибагардонии педагог ва мактаббачагон; тарҳрезӣ ва амалисозии технологияи педагогӣ барои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва самаранокии натиҷаҳои амалисозии технологияи педагогӣ оид ба мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон ҳаллу фасл шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф оид ба муайянсозӣ, асосноккунӣ ва истифодаи усулҳои мутаносиби таълимию тарбиявӣ ва гузаронидани озмоиш дар ташаккули мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон вазифаҳои ба миёнгузошта пурра иҷро гардида, натиҷаҳои зарурӣ ба даст оварда шудаанд.

Қобили қайд аст, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия Пиров Ҳ.П. вобаста ба ҷамъбаст ва хулоса намудани натиҷаҳои ба дастовардашуда марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ ва озмоишӣ гузаронида шудааст.

Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқикот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Дар маҷмуъ ба диссертант Пиров Ҳ.П. муяссар гардидааст, ки ба объекти пажӯҳиш такъя намуда, вазифаҳои таҳқиқотро ба пуррагӣ роҳандозӣ кунад. Таҳқиқоти ба охиррасида дорои аҳамияти назариявӣ ва ҳам амалӣ буда, натиҷаҳои онро дар фаъолиятҳои илмиву таълимӣ бе ягон мамоният дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода намудан имконпазир аст.

Мехостам, чанд сухан оиди сифатҳои муҳаққиқӣ, касбӣ ва шахсии шогирд сухан гӯям. Пиров Ҳ.П. дар ҳайси омӯзгори кафедраи

педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ фаъолият бурда, дар давоми фаъолияти педагогиаш соҳиби таҷрибаи хуби омӯзгорӣ гардидааст.

Дар давраи фаъолияташ дар ҳайси унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “ДДХ ба номи ак.Б.Ғафуров” Пиров Ҳ.П. ба таҳқиқоти илмиаш муносибати хеле масъулона ва ҷиддӣ зоҳир намуда, сифатҳои назарраси суботкорӣ, эҷодкорӣ, сермасъулиятӣ, мустақилиятнокӣ, қобилият ва истеъдоди хуби таҳқиқотиро нишон дод. Дар ин давра аз тарафи ӯ бо баробари бурдани таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ, ба навиштан, таҳия ва чоп кардани мақолаҳои илмӣ, омода намудани маърӯзаю баромадҳо дар конференсияҳои илмӣ ва семинарҳои кафедра эътибори ҷиддӣ дода мешуд.

Натиҷаи ин муносибат буд, ки аз тарафи ӯ дар асоси маводҳои таҳқиқотиаш 10 мақола дар нашрияҳои педагогӣ чоп гардиданд, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати Маориф ва илми Федератсияи Русия эътирофгашта нашр гардидаанд. Дар асоси гуфтаҳои болоӣ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки Пиров Ҳ.П. ҳамчун муҳаққиқи фаъол, эҷодкор, мустақил, кордон ва соҳибкасб ташаккул ёфтааст ва чун омӯзгор дорои сифатҳои хуби касбӣ-педагогӣ, чун шахсият соҳиби ахлоқи баланди ҳамида буда, дар байни аҳли ҷомеаи устодон ва донишҷӯён соҳиби обрӯю эътибор гаштааст.

Дар хулоса қайд кардан лозим аст, ки диссертатсияи Пиров Ҳ.П. дар мавзӯи “Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” кори мустақилонаи тахассусӣ ва дорои аҳамияти назарраси илмӣ буда, ба талаботи Низомномаи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи

ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ
ва касбии Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров" Шаропов Шавкат Аҳмадович

20.06.2023 с.

*Имзои Ш.А.Шароповро тасдиқ менамоям.*
*Сардори РК ва КМ МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"* *Наврузов Э.М.*

РАЕСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1.
тел.(+992)927717870. Элек. почта: Sharofzod1954@mail..ru